СУРАТМАҶЛИСИ №7

аз маҷлиси Шурои олимони факултети забони англисии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон баноми Сотим Улуғзода

24-уми май соли 2023 ш. Душанбе

Аъзои Шурои олимони факултети
забони англисии Донишгоҳи
байналмилалиизабонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода:
20 нафар Иштирок намуданд: 19 нафар

**Рӯзномаи маҷлис:**

1. Баррасии диссертатсияи Иматова Манижа Қудратовна дар мавзуи «Таҳлили хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ аз нигоҳи тарҷума (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ). Аз рӯйи масъалаи мазкур Мусоямов Зубайдулло Муминшоевич - раиси Шурои олимони факултети забони англисии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон баромад намуда, қайд кард, ки тибқи тартиби муқарраргардида ба баррасии ҷаласа диссертатсияи пешниҳод мегардад.

Ташхиси давраи аввали диссертатсия Иматова Манижа Қудратовна дар мавзуи «Таҳлили хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ аз нигоҳи тарҷума (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ) дар кафедраи филологияи англис Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода баргузор гардида, нусхаи суратҷаласа ва хулосаи мусбии кафедраи мазкур дойр ба пешниҳоди он ба ташхиси давраи дуюм пешниҳод шудааст.

Дар асоси аризаи довталаб оид ба баррасии диссертатсия дар Шурои олимони факултети забони англий 2 нафар муқарризони холис -

доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Саидзода Ҳалим Азиз ва номзади илмҳои филолгӣ, дотсент ва декани факултети филолгияи тоҷики Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Ҳалимова М. таъйин шудаанд, ки дар ҷаласаи имрӯза ҳузур доранд.

Барои шиносоӣ бо муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ сухан ба довталаби дараҷаи илмӣ Иматова М.Қ. дода мешавад.

Пас аз анҷоми маъруза аз ҷониби аъзои Шуро ба довталаб саволҳо манзур карда шуданд. Аз ҷумла, номзади илмҳои филолгӣ, дотсенти кафедраи филологияи англис Кесамирова С. ва номзади илмҳои филолгӣ, дотсенти кафедраи назарияи тарҷума Соҳибназарова Ҳ. дар атрофи маърузаи довталаб саволҳо пешниҳод намуданд ва маърузакунанда ба саволҳо ҷавобҳои қонеъкунанда дод.

Сипас, тибқи тартиб муқарризи холис- доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Саидзода Ҳалим Азиз баромад намуда, аз дастовардҳо ва саҳми назарраси довталаби илмӣ дар тақризашон ёдовар шуд. Ҳамчунин барои беҳбудии кор тавсияҳо низ манзур намуданд. Дар охири суханрониашон диссертатсияро кори комилан баанҷомрасида номида, барои экспертизаи навбатӣ ба Шурои диссертатсионии назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод намудан, тавсия доданд.

Баъдан муқарризи холис - номзади илмҳои филолгӣ, дотсент ва декани факултети филолгияи тоҷики Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Ҳалимова М. суханронӣ намуда, ҳамчунин аз кори хуб таҳия шудани диссертатсия ёдовар шуд.Барои беҳбудии кор эродҳои худро манзур намуда, дар маҷмуъ кори диссертатсиониро баанҷомрасида ҳисоб намуда, барои ба ташхиси навбатӣ ба Шурои диссертатсионии назди Донишгоҳи

байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод намудан, тавсия намуд.

Ба эродҳои муқарризони холис довталаб Иматова М.Қ. ҷавоби қаноатбахш дод.

Пас аз қироати тақризҳо аъзои Шуро ба муҳокимаи натиҷаҳои диссертатсия пардохтанд.

Дар муҳокима аъзои Шуро – номзадони илм Товбаева М., Соҳибназарова Ҳ., Иматшоева М., Гадоев К., Ашурова Т. Иштирок намуда, пешниҳоди муқарризони холисро ҷонибдорӣ намуда, қайд карданд, ки хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ аз нигоҳи тарҷума аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ кори аввалин буда, воқеан аз нигоҳи тарҷума мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтааст.

Таъкид гардид, ки ихтисос ва номи мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия пурра мувофиқат мекунад.

Дар охири суханронииашон ҳамаи музокиракунандагон пешниҳоди муқарризони холисро дар хусуси ба экспертизаи навбатӣ ба Шурои диссертатсионии назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода тавсия додани таҳқиқоти диссертатсионӣ дастгирӣ намуданд.

Баъд аз муҳокима таклифи муқарризони холис ва аъзои Шуро дар мавриди ба ташхиси навбатӣ ба диссертатсионии назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод намудани диссертатсияи Иматова М.Қ. ба овоз монда шуд.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

- тарафдор – 19 нафар,
- муқобил – нест,
- бетараф- нест.

Қарор карда шуд:

Диссератсияи Иматова Манижа Қудратовна дар мавзуи «Таҳлили хусусиятҳои луғавӣ ва дастурии дискурси сиёсӣ аз нигоҳи тарҷума (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ) барои ташхиси навбатӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-036-и назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ҷиҳати дарёфти дараҷаи номзади илм аз рӯи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пешниҳод карда шавад.

Раиси Шурои олимони
факултети забони англисии
Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода: Мусоямов Зубайдулло Муминшоевич

Котиби Шурои олимонифакултет: Мансурова Рухшона Умархуҷаевна